«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳури Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
_____ Шарифзода Ф.Р.
«12» _____ соли 2022

ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Каримов Даврон Бобомуродович дар мавзуи – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.

Диссертатсияи Каримов Даврон Бобомуродович таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан» бахшида шуда, мухтавои он ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт,

гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда, дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахтгаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ироа гардидааст.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назарияви, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

а) муаллиф дар рафти таҳлил муайян кардааст, ки мафҳуми моддаҳои сахтгаъсир ва заҳролуд дар баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, чӣ дар сатҳи миллӣ ва чӣ дар сатҳи байналмилалӣ, дар муқоиса бо мафҳуми нашъамандӣ ва моддаҳои психотропӣ пешбинӣ нагардидаанд. Ин мушкилотро рисоланавис бо он асосноқ кардааст, ки номуайянии то ҳол мавҷудбудаи истилоҳот вобаста ба моддаҳои заҳролуд ё сахтгаъсир бояд бо таҳрир мувофиқи матни ин модда ислоҳ карда шаванд, то ки самарнокии иҷтимоии онҳоро таъмин кунад. Бо ин максад диссертант мафҳуми моддаҳои сахтгаъсир ва заҳролудро ба тариқи зайл пешниҳод намудааст: «Моддаҳои сахтгаъсир – объектҳои синтетикӣ ё табиӣ, ки ҳангоми истифодаи беиҷозат ё сӯиистифода ба саломатии инсон зарари назаррас расонида метавонанд ва бо мақсадҳои дар моддаи 206 КҶ ҶТ ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ ба рӯйхати моддаҳои сахтгаъсир ворид карда шудаанд. Моддаҳои заҳролуд – объектҳои пайдоиши синтетикӣ ва табиӣ мебошанд, ки ҳангоми ба миқдори хурд ворид кардани ба ҷисми инсон ба заҳролудшавӣ ё марг оварда мерасонанд ва бо мақсадҳои моддаи 206 КҶ ҶТ ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ ба рӯйхати моддаҳои сахтгаъсир дохил карда

шудаанд». Ин мафхумҳоро ҳамчун меъёр барои муайян кардани моддаҳои нави сахттаъсир, заҳролуд ва дохил намудани онҳо ба рӯйхати моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд истифода намудан мувофиқи максад аст. (саҳ.15).

б) рисоланавис дар таҳқиқоти диссертатсионии худ объект, аломатҳои объективӣ, субъект ва аломатҳои субъективии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролудро мавриди таҳлил қарор дода, вобаста ба паҳлуҳои мухталифи таркиби чиноят андешаҳои худро иброз намудааст. Ҳамзамон, пешниҳод намудааст, ки ба боби 22 «Чиноятҳо ба мукобили саломатии аҳолӣ» - и КҶ ҶТ моддаи 206[3], ки чавобгариро барои «Тасарруфи моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд» пешбинӣ мекунад, илова карда шавад.

в) самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффак гардидааст, ин таҳлили хавфи чиддии чамъиятии тамоюли моилсозӣ ба истеъмоли моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки дар байни варзишгарон маъмул мебошанд, ки барои танзимнамоии ҳаҷми чисмӣ истифода мегарданд ба монанди, сибутрамин, тестостерон, станозолол, стенболон ва ғайра, ки ба саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Вобаста ба ин ҳолат, пешниҳод карда мешавад, ки ба КҶ ҶТ моддаи нав 206[4] «Моил кардан ба истеъмоли моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд» ворид карда шавад. (саҳ.17).

Дар ин қисмат, метавон хулоса намуд, ки таҳқиқбаранда дар халли масъалаҳои илмии вобаста ба муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд муваффақ гардида, нуқтаҳои илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи чиноятӣ мебошанд.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дарачаи илмии дархостшаванда мумкин аст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ин нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ вобаста ба чавобгарии чиноятӣ барои

муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан бо забони давлатӣ ба шумор меравад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан дар ҷумҳурӣ, муайян намудани тарзу усул ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии муқовимат бар зидди ҷунин категорияи ҷиноят истифода аз таҷрибаи дигар давлатҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон, бори аввал дар рисолаи илмӣ таҷрибаҳои муосир ва маълумоти омории кишвар ва хориҷи он вобаста ба масъалаҳои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ки дар адабиёти илмӣ ва парвандаҳои судиву тафтишотӣ мавҷуданд, оварда шудааст. Дар рисолаи илмӣ вазъи ҷиноят ва ҷинояткорӣ дар муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд таҳлил гардидааст.

Пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола дарҷгардида, ба такмили қонунгузории ҷиноятии амалкунанда равона шуда, омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролудро дар бар мегирад.

Натиҷаи таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд равона гардидааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссератсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳоду тавсияҳои аз ҷониби диссертант таҳия гардида ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи муомилоти қонунӣ ва муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, инчунин ҳангоми омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба бандубасти ҷиноятҳо, дар фаъолияти қонунгузории комитаҳо ва комиссияҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти бар зидди муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд мубориза баранда, дар рафти таҳқиқоти илмӣ,

зимни бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар донишгоҳу донишкадаҳо, самаранок истифода шаванд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои боло метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки барои он метавон ба довталаб дараҷаи илми дода шавад:

– дар пешниҳоди дувоздаҳ муаллиф илова намудани тағйирот ба номгузории Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2002, таҳти №5 дар мувофиқи мақсад мешуморад. Муаллиф бар он ишора намудааст, ки «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳое, ки ба воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд алоқаманданд», инчунин ба он илова намудани тавзеҳот марбут ба амалҳое, ки тарафи объективии ҷинояти бо м. 206 КҶ ҶТ пешбинӣ гардида ташкил медиҳанд, мувофиқи мақсад мебошад;

– диссертант барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ чунин пешниҳодро иброз намудааст, ки яке аз роҳҳои пешгирии содиршавии ҷиноятҳои марбут ба гардиши ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд ин муқаррар намудани меъёри таъсиркунанда ҷиҳати озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар сурати ихтиёрӣ даст кашидан аз содир намудани чунин намуди ҷиноят ба шумор меравад. Мавҷудияти чунин меъёрҳо бо ихтиёри худ даст кашидан аз кирдорҳои ҷиноятқорона таъсири бештар мерасонад. Агар шахсони пештар ба кирдори ҷиноятӣ дастзада аз мукаррароти ихтиёрӣ даст кашидан аз содир намудани ҷиноят маълумоти ҳуқуқӣ дошта бошанд, ин ба фаъолияти пешгирикунандаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат мекунад. Дар ин раванд муаллиф низ дар натиҷаи омӯзиш, таҳлил ва истифода аз амалияи Украина пешниҳод менамояд, ки ба моддаи 206 КҶ ҶТ эзоҳ, дар шакли зайл илова карда шавад: « Шахсе, ки моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ намебошанд бо ихтиёри худ месупорад, агар дар ҳаракати ӯ таркиби дигар ҷиноят мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр намудан,

коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои сахттаъсир ё захролуд озод карда мешавад» (сах.15);

– диссертант барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ чунин пешниҳодро иброз намудааст, ки соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ва захролуд бо истифода аз дорухатҳои қалбакӣ нисбат ба дигар тарзҳои ғайриқонунии соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ва захролуд хатари афзояндаи ҷамъиятӣ дорад (сах.16). Бинобар ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба к. 2 м. 206 КҶ ҶТ «Бо истифода аз ҳуҷҷатҳои қалбакӣ соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ва захролуд». ворид намудани аломати бандубастшаванда дар таҳрири м. 206 КҶ ҶТ: зарур мебошад;

– дигар афзалияти таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз он иборат аст, ки дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули барномаи мақсадноки ҷумҳуриявӣ, ба монанди «Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва захролуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро зарур мешуморад (сах. 16).

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо дарназардошти нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар баробари комёбиҳои иброзгардида, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зерин метавон манзур намуд:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба назари олимони ватанӣ, вобаста ба мавзуи баррасишаванда ва падидаҳои бо он алоқаманд камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Бояд иброз дошт, ки мақсади асосии фароҳам овардани шароит барои ҳимояи рисолаҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин рушди илми ватанӣ, аз ҷумла, соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад, аммо илми ватанӣ дар он сурат инкишоф меёбад, ки агар

хангоми навиштани рисолахои диссертатсионӣ таваҷҷуҳи бештар ба олимони дохилӣ зоҳир карда шавад. Аз ин рӯ, сабаби асосии ба таври зарурӣ таҳлил нагардидани асарҳои олимони ватанӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар диссертатсия шарҳи муаллиф талаб карда мешавад.

2. Аз ҷониби муаллиф мебоист мафҳуми васеи моддаҳои заҳролуд аз нигоҳи назариявӣ коркард мегардид. Зери мафҳуми "моддаҳои заҳролуд – объектҳои пайдоиши синтетикӣ ва табиӣ мебошанд, ки ҳангоми ба миқдори хурд ворид кардани ба ҷисми инсон ба заҳролудшавӣ ё марг оварда мерасонанд ва бо мақсадҳои моддаи 206 КҶ ҶТ ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ ба рӯйхати моддаҳои сахттаъсир дохил карда шудаанд (с. 15).

3. Бо дарназдошти хусусият ва дараҷаи баланди ба ҷамъият хатарнокии тасарруфи моддаҳои қайдгардида пешниҳод карда мешавад, ки ба КҶ ҶТ моддаи нав 2063 «Тасарруфи моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд» ворид карда шавад. Зеро қонунгузор аллакай чунин таркибҳоро дар моддаҳои 194, 199, 202 ва 2022 КҶ ҶТ муқаррар намудааст (с. 17). Аммо бо вуҷуди ин, зарурати зиёд кардани таркибҳои ҷиноятӣ пав лозим нест. Зиёд шудани таркибҳои ҷиноятӣ дар матни қонуни ҷиноятӣ рақобати нодурусти меъёрҳои ҳуқуқ ва мушкилоти бандубастро дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, дурустар мебуд, ки дар м. 202 КҶ ҶТ қисми 4 оид ба тасарруфи моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд низ илова карда мешуд. Чунин таҷриба дар м. 206 (1) КҶ ҶТ ба мушоҳида мерасад.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундаричаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Авторсфера ба мухтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ба хусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Диссертатсияи Каримов Д.Б. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Каримов Д.Б. ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси мукаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. **Суратҷаласаи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 5 аз 30-юми ноябри соли 2022.**

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Абдурашидзода Азиз Абдумансур – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, котиби Шӯрои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода шуда, дар маҷлиси кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳокима ва

чонибдорӣ шудааст. Суратҷаласаи кафедра таҳти №5 аз 30-юми ноябри соли 2022.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети
№ 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
майори милитсия С.С. Нарзуллозода

Ташхисгар:
Профессори кафедраи пешгирии чиноятҳои
террористӣ ва таъмини бехатарии чамъиятии
факултети № 6 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
полковники милитсия Ҳ.С. Сафарзода

Котиби ҷаласа:
Котиби Шӯрои олимони Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
полковники милитсия А.А. Абдурашидзода

«Имзои Нарзуллозода С.С., Сафарзода Ҳ.С. ва
Абдурашидзода А.А.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Б.З. Музаффарзода

Сурога: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кучаи М. Мастонгулов. 3,
тел: +(992 37) 226-36-13, 226-33-92, 226-28-92; факс: +(992 37) 226-30-19.
Веб сайт www.avkd.tj, E-mail: avkdtj.@mail.ru